**ИБРОҲИМЗОДА ИЛҲОМУДДИН РАҶАБАЛӢ**
**МУОВИНИ ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**



15 июни соли 1980 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст, тоҷик, маълумоташ олӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

## ФАЪОЛИЯТИ МЕҲНАТӢ:

**Солҳои 1996-1997** - сармуҳосиби хоҷагии деҳқонӣ дар ноҳияи Ховалинг

**Солҳои 1997-2002** - таҳсил дар факултети иқтисодии Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистон

**Солҳои 2002-2006** - муаллим-коромӯз, ассистент, муаллими калони кафедраи иқтисодии Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистон

**Солҳои 2006-2007** - мудири шуъбаи илм, муовини декани факултети менеҷмент ва соҳибкорӣ оид ба илми Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон

**Аз моҳи апрел то декабри соли 2007** - и.в. дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон

**Солҳои 2007-2008** - дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон

**Солҳои 2008-2009** - мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити факултети баҳисобгирии иқтисодии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон

**Аз моҳи январ то августи соли 2009** - дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон

**Солҳои 2009-2012** - ноиби ректор оид ба корҳои таълиму тарбияи Донишкадаи молияи Тоҷикистон

**Солҳои 2012-2015** - ноиби ректор оид ба корҳои таълими Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Солҳои 2015-2020** - дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Аз моҳи март то августи соли 2020** - мудири кафедраи андоз ва андозбандии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Солҳои 2020-2022** - мудири кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Солҳои 2022-2024** - декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Солҳои 2024-2025** - и.в. директор, директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Солҳои 2025-2026 -** ректори Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон

**Аз моҳи июли соли 2026** - муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соҳаи илм ва техника (соли 2009) ва бо медали «Хизмати шоиста» (соли 2022) сарфароз гардонида шудааст.

Оиладор, соҳиби панҷ фарзанд.